Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2022. – 183 саҳ.

Қисмати аъзами адабиёти бадеии форсии тоҷикиро осори марбут ба тасаввуф ва ирфон ташкил медиҳад, ки намунаҳои олии он дар анвои гуногуни адабӣ эҷод гардидааст. Муҳимтарин навъи адабие, ки орифону ҳакимон ва андешамандони гузашта бо он афкори хешро иброз намудаанд, навъи адабии асилу миллии рубоӣ мебошад, ки аз оғози адаби форсии тоҷикӣ воситаи мувофиқу муносиби изҳори назари орифони шоир будааст. Ин тарзи истифодаи мусмир аз навъи адабии мувофиқ, пеш аз ҳама, барои баёни таълимоти муаллифон ва муассирии он ба мухотабон, бо истифода аз имкониятҳои жанрии рубоӣ маншаъ мегирад, ки аз вижагиҳои бадеии ин навъи хоси адабиёти ҳам китобӣ ва ҳам шифоҳӣ ба шумор меравад.

Дар ҳамин замина таҳқиқу баррасӣ ва ба таълиф даровардани рисолаи диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» аз тарафи унвонҷӯ Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна шоистаи таҳсин ва тақдир буда, саҳифаи тозае дар таҳқиқи адабиёти бадеии ирфонӣ дар умум ва пажӯҳиши вижагиҳои рубоиёти яке аз орифону ҳакимони рубоисаро, бахусус Афзалуддини Кошонӣ, мебошад. Дар диссертатсия муаллиф, нахуст аз ҳама, роҷеъ ба аҳаммияти омӯзиши мавзуи мазкур ва дар баробари он то ба ҳол ба таҳқиқ нарасидани ҷанбаҳои адабиву бадеӣ ва ҳунари офаринандагии Бобо Афзал дар рубоисароӣ таъкид карда, ҳамчунин барои пур намудани ин холигоҳи пажӯҳишӣ дар адабиётшиносии ватанӣ ба он даст задани хешро ёдовар мешавад.

Тавре ки маълум аст, замони зиндагии Бобо Афзали Кошонӣ – асри XII ва ибтидои асри XIII воқеан давраи нашъунамо ва рушди ашъори орифонаи

ҳакимону орифоне чун Саноии Ғазнавӣ (1075 -1135), Шайх Аттори Нишопурӣ (1144 – 1234), Шиҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ ё Шайхи Ишроқи мақтул (1155-1191), Муҳйиддин Ибни Арабӣ (1165-1240) мебошад.

Бинобар гуфтаи муаллифи диссертатсия агарчи роҷеъ ба рӯзгору осори Бобо Афзали Кошонӣ аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мақолаҳои зиёде навишта шуда бошанд ҳам, онҳо бештар хусусияти иттилоотӣ ва умумӣ дошта, аз шеваҳои таҳқиқоти муосири адабпажӯҳӣ фосила доранд. Аз ин хотир, таҳқиқи мавзуи мавриди назар муҳимму саривақтӣ буда, ниёз ба пажӯҳишу баррасии амиқу густарда дорад.

Тавре аз диссертатсия бармеояд, мазмуну муҳтаво, мундариҷаи рубоиёт, андешаву орои ин шоиру орифи мутанаффиз дар адабиёти тасаввуфӣ бар мабнои нашрҳои муътабари осори ӯ таҳқиқу таҳлил гардидааст.

Кори диссертатсионӣ шомили муқаддима, се боб ва хулосаву феҳристи адабиёт мебошад, ки боби аввал ба се фасл, боби дуюм ба се фасл бо фарогирии зерфаслҳои мувофиқ ва боби сеюм ба ду фасл ва қисматҳои марбут ба он тақсим мешаванд.

Дар муқаддима тиқби риволи маъмул муаллиф аҳаммияти интихоби мавзуъ, пешинаи таҳқиқи мавзуъ, ҳадафҳои асосии пажӯҳиш, методологияи таҳқиқ, навӣ ва арзиши амаливу назарии онро баён кардааст.

Дар боби аввали диссертатсия муаллиф, пеш аз ҳама, ба баррасии вазъи адабию илмии рӯзгори Бобо Афзали Кошонӣ пардохта, нақш ва ҷойгоҳи илмию адабии шаҳри Кошонро дар масири таърих муайян месозад ва бархостани чандин намояндагони илму адаби форсӣ-тоҷикиро аз ин шаҳри адабпарвар таъкид менамояд.

Саҳми муаллифи диссертатсия дар барқарор намудани зиндагиномаи илмии Бобо Афзали Кошонӣ хеле назаррас буда, баҳсу мунозираҳои муҳаққиқонаи муаллиф ва хулосабарориҳои ӯ дар ин фасли диссертатсия ҷолиби диққат мебошанд. Диссертант барои исботи ҷузъиёти зиндагиномаи шоир аз осори ӯ баҳраҳо ҷустааст. Дар ин қисмат ба таҳқиқ кашидани қасидаи ҳабсияи мансуб ба Бобо Афзал хеле ҷолиб буда, аз диққату

таваҷҷуҳи амиқи диссертант ба осори шоир гувоҳӣ медиҳад. Шоистаи таъкид аст, ки чанд асл дар ин фасл баррасӣ ва таҳқиқу равшан гардидааст, ки барои зистномаи шоир меҳварӣ мебошанд. Махсусан андешаву хулосаҳои муаллифи диссертатсия дар мавриди муайян намудани макону замони таваллуду даргузашти Бобо Афзал, воқеоти марбут ба рӯзгор, фарзандон, марқад, мазҳаб ва ақидаву орои ӯ (тибқи нишондоди муаллиф таваллуд 540-550 ҳиҷрии қамарӣ / 1146-1156 мелодӣ, вафот 610 ҳиҷрии қамарӣ / 1214 мелодӣ) қобили мулоҳиза ва қабул аст.

Масъалаи дигаре, ки мавриди баҳсу гуфтугӯҳои муаллифи диссертатсия қарор гирифта, бо шарҳи ҳоли илмии Афзалуддини Кошонӣ пайванд ва иртиботи қавӣ дорад, баррасии ҷаҳонбинии адиб мебошад. Ин фасл аз омӯзиши андешаву баҳсҳои муҳаққиқону донишмандон ва таҳлилу хулосаҳои диссертант дар мавриди ҷаҳонбинӣ ва орои фалсафию ирфонии Афзалуддини Кошонӣ фароҳам омада, маълум карда мешавад, ки ҷавҳари асосии он бар мабнои фалсафаи машшоия бунёд ёфта, «иртиботи тасаввуф бо фалсафаро бидуни ишорате ба аҳвол ва осори Бобо Афзали Кошонӣ наметавон ба поён овард. Дар мавриди Афзалуддин Муҳаммади Марақии Кошонӣ ҳакими орифи қарни ҳафтум то он ҷо, ки аз рубоиёти форсии ӯ, ҳарчанд тамомии он рубоиёт аз ӯ нест, бармеояд, ки тасаввуф чизе аз мақулаи ирфон ва тааллуҳи ишроқӣ ба назар мерасад, ки ранги ҳайрат ва тааммули фалсафӣ ҳам аз он пайдост». (Абдулҳусайни Зарринкӯб. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. –Теҳрон: Амири Кабир, 1380, саҳ. 308).

Маълум карда мешавад, ки мабоҳиси асосии мавриди баҳси ин фалсафа инсон ва моҳияти иҷтимоии ӯст, ки «меваи дарахти мавҷудот» мебошад. Беҳтарин намунаи аслҳои ин фалсафа дар рубоиёти Бобо Афзал дарҷ ёфтаанд. Чунончи:

Эй он ки хулосаи чаҳор арконӣ,
Бишнав сухане зи олами рӯҳонӣ.
Девиву дадиву малакӣ, инсонӣ,
Бо туст, ҳар он чӣ менамоӣ, онӣ.

(Бобо Афзали Кошонӣ. Матни комили рубоиёт. Бо муқаддимаву таҳия ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ. Чопи дувум. –Теҳрон: Форобӣ, 1363, саҳ. 171. Диссертатсия, саҳ. 53).

Хулосаи муаллиф дар ин замина он аст, ки Афзалуддини Кошонӣ «дар ҷодаи офаринишу эҷод ва таълиму тадрис як шахсияти мутабаҳҳиру мутафаннин бошад ҳам, шуҳрати ӯ аслан бар мабнои ду қутб: яке хирадмандии ҳакимона ва дигаре суфигарии ошиқона иштиҳор ёфтааст» (Диссертатсия, саҳ. 49).

Боби дуюми диссертатсия ба мероси илмию адабии Бобо Афзали Кошонӣ марбут буда, таҳлилу баррасии миқдор ва мазмуну мундариҷаи осори бозмондаи ӯро дар бар мегирад. Дар ин бахш маълум карда мешавад, ки аз осори мансури адиб 12 рисолаи бузург, 36 рисолаи кӯчак ва 7 мактуб боқӣ мондааст. Рисолаҳои фалсафии Бобо Афзал мухтасаран муаррифӣ ва таҳлил шудаанд, ки ба хулосаи муҳаққиқ таълифоти адиб дар ин замина ҳовии арзиши фалсафӣ, ирфонӣ ва маърифатӣ мебошанд. Таъкид мешавад, ки аз осори мансури Бобо Афзал 7 номаи посухии ӯ ба дигарон дар даст аст, ки дар муайян намудани нуқтаи назари муаллиф ба масъалаҳои фалсафӣ дорои аҳаммият ва дар ошкор сохтани баъзе ҷузъиёту далелҳои зиндагиномаи ӯ ёрӣ мерасонанд.

Қисмати дигари ин боб таҳлилу баррасии осори манзуми Бобо Афзалро дар бар мегирад, ки аз лиҳози навъҳои адабӣ шомили 3 қасида (31 байт+16 байт+13 байт), 3 қитъа (3 байт +2 байт +2 байт), 2 фардбайт, 12 ғазал, ки аксаран бо радифҳои хос: **ниҳодан, манвис, барам, нест падид** ороста гардидаанд, мебошад. Осори манзуми шоир бо содагӣ, равонӣ, зебоиву шевоӣ ва дигар маҳосини калом музайян ва истифодаи санъатҳои бадеӣ барои ашъори ӯ хоси сабку сиёқи инфиродии ӯ мебошад. Муҳимтарин навъи адабии осори манзуми шоир рубоӣ мебошад, ки бино бар таҳқиқи муаллифи диссертатсия дар чопҳои маҷмуаҳои гуногуни Бобо Афзал теъдоди онҳо якхела нестанд. Аз 195 то 690 адад дар маҷмуаҳои рубоиёти шоир дарҷ ёфтаанд, ки масъалаи интисоб ва асолати онҳо ба муаллиф мавзуи як фасли

ҳамин боб ҳам гардидааст. Аз ишора ва пажӯҳишоти яке аз муҳаққиқони варзидаи осори Бобо Афзал аллома Саид Нафисӣ маълум мегардад, ки рубоиёти шоир бо рубоиёти Умари Хайём (83), Абусаиди Абулхайр (31 рубоӣ), Авҳадуддини Кирмонӣ (20 рубоӣ), Ҷалолуддини Балхӣ (18 рубоӣ) Абдуллоҳи Ансорӣ (10 рубоӣ), Фаридуддини Аттор (7 рубоӣ), Аҳмади Ғаззолӣ (3 рубоӣ), Саноии Ғазнавӣ (3 рубоӣ), Насируддини Тӯсӣ (3 рубоӣ), Рӯдакӣ (3 рубоӣ), Маҳастӣ (3 рубоӣ), Қаттоли Хоразмӣ (3 рубоӣ) Саъдуддини Ҳумавӣ (2 рубоӣ) мухталит шудааст. Дар ин маврид кӯшиши муаллифи диссертатсия дар муайян намудани интисоби рубоиёт ба Бобо Афзал ва маълум кардани 20 рубоии муштарак дарҷёфтаи ӯ бо Умари Хайём, 31 адад бо Абусаиди Абулхайр ва 46 адад бо Авҳадуддини Кирмонӣ қобили таҳсин мебошад. Махсусан, муқоисаҳои рубоиёти Бобо Афзал бо рубоиёти Умари Хайём ва ошкор кардани мансубияти онҳо ба Умари Хайём ҷолиби диққат буда, арзиши илмии рисоларо афзудааст.

Боби ниҳоии рисола ба таҳлили мавзуӣ ва бадеии рубоиёти Бобо Афзал оид мебошад, ки мутобиқи таснифоти муаллиф ба а) рубоиёти фалсафӣ, б) рубоиёти ошиқона, в) рубоиёти иҷтимоӣ, г) рубоиёти панду ахлоқӣ тақсим ва таҳлил карда шудаанд. Таҳлили рубоиёти иҷтимоӣ хеле ҷолиб ва нуқтаи назари шоир дар мавзуи иҷтимоӣ ба ҳар замон созгор мебошад. Мавзуи панду ахлоқ дар навъи адабии рубоӣ барои мухотабон бисёр муассир буда, дар диссертатсия намунаҳои хеле хубу олии он таҳлилу баррасӣ шудааст, ки онҳоро намеорем.

Дар фасли охири ин боб хусусиятҳои бадеии рубоиёти Бобо Афзал ва корбурди санъатҳои серистифодаи бадеӣ дар шеъри шоир баррасӣ гардида, барои исботи андеша муаллиф намунаҳои рубоиёти шоирро ба таври дақиқ таҳлил намудааст.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои илмии диссертатсия бо шуморагузорӣ баён гардидаанд ва аз камоли дақиқи баррасиҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия чанд нуқсону камбудӣ ҳам ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии онро меафзояд:

1. Дар диссертатсия баъзе ғалатхонӣ дар матни рубоиҳо ба назар мерасад.

Чунончи, дар рубоии зерин:

Эй соҳиби ин масъалаи роҳнамо,

Медон ба яқин, ки ломакон аст Худо.

Хоҳӣ, ки туро кашф шавад ин маънӣ,

Ҷон дар баданат, бубин, кучо дорад ҷо. (Диссертатсия саҳ. 49).

Ба андешаи мо, агар диссертант мисраи сеюми рубоиро дар шакли «Хоҳӣ, ки туро кашф шавад ин маъно» мехонду менавишт, беҳтар буд, зеро дар ин ҳолат ҳамоҳангии тамоми мисраъҳо ва шакли рубоии тарона барқарор мегардид. (Бобо Афзали Кошонӣ. Матни комили рубоиёт. Бо муқаддимаву таҳия ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ. Чопи дувум. –Теҳрон: Форобӣ, 1363, саҳ. 89. Диссертатсия, саҳ. 49).

2. Аз бедиққатии муаллиф дар саҳифаи 31-и диссертатсия номи шахси дар қасидаи ҳабсияи Бобо Афзал зикршуда як бор Ҷалолуддин ва бори дигар дар ҳамин саҳифа Ҷамолуддин зикр шудааст. Аз ин рӯ, мебояд дақиқ кард, ки кадом навишт дуруст аст.

3. Дар диссертатсия дугона навиштани исмҳои хоси маълуму маъруф: Тус (саҳ. 24, 28 чаҳор маротиба) ва Тӯс (саҳ. 28), дар ҳоле ки тибқи имлои нав шакли охирӣ саҳеҳ мебошад.

4. Дар навишти форсии исмҳои хос дар адабиёти шумораи 35 (саҳ. 166) калимаи «Атомалик» аввал бо «т»-и итқӣ, навишта шудааст, ки дуруст аст, вале баъдан бо «те»-и дунуқта омадааст, ки ғалат мебошад; дар ҳамин саҳифа дар адабиёти шумораи 26 номи интишорот «Мактуб» не, балки «Мероси мактуб» бояд навишта шавад.

5. Баъзе исмҳои хос дар диссертатсия нодуруст хонда ва навишта шуданд: Козим Обидайнии Мутлақ (саҳ. 95) шакли дурусти он Козим Обидинии Мутлақ; Мир Таъқиуддин (саҳ.37) дурусташ Тақиуддин; Мабсаруссалтанаи Исфаҳонӣ (саҳ.61) шакли дурусташ Мубассируссалтана мебошад; Китобхонаи “Нури усмония”(саҳ. 61) бояд “Нури Усмония” (бо

ҳарфи калон) бошад; қасидаи “Хайрияи маймия”-и Ибни Форизи Мисрӣ (саҳ. 116) бояд қасидаи “Хамрияи мимия”-и Ибни Фориз бошад, ки маъруф аст.

6. Ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дар диссертатсия ба назар мерасанд (саҳ. 35, 37, 45, 60, 77....).

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикршуда осонислоҳ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия дар сатҳи баланди услуби илмӣ таълиф ёфта, ислоҳи норасоиҳои мазкур боиси афзоиши ҳусни кор мегарданд.

Фишурдаи диссертатсия, мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода мекунанд ва аз лаёқати баланди илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Ходими пешбари илмии
шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии
АМИТ, номзади илми филология **Муҳаммадиев Ш.М.**
29.11.2022.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
E-mail: Shamsiddin-2010@mail.ru
Тел.: (+992)2272907

Имзои номзади илми филология
Муҳаммадиев Ш.М.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадри Институт **Нарзиқулова Ҳ.М.**
29.11.2022.